**08 00 00 – ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**
**08 00 00 – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**08 00 00 – ECONOMIC SCIENCES**

08 00 01 Назарияи иқтисодӣ
08 00 01 Экономическая теория
08 00 01 Economically theory

УДК - 338
ББК 65. 201

# МАЗМУН ВА СОХТОРИ НЕЪМАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОД

***Азимова Муқадасхон Мухамедовна*** *- муаллимаи калони кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ, e-mail:mukaddashon.azimova.69@mail.ru*
***Мирсаидов Саидакмал Аврорович*** *-мудири кафедраи маркетинг-агробизнеси ДДҲБСТ, emai:l surush-sa@mail.ru*

# СОДЕРЖАНИЕ И СТРУКТУРА ОБЩЕСТВЕННОГО БЛАГА КАК ОБЪЕКТ ОБЩЕСТВЕННОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ

***Азимова Мукадасхон Мухамедовна*** *- старший преподаватель кафедры маркетинг-агробизнеса ТГУПБП, e-mail:mukaddashon. azimova. 69@*
***Мирсаидов Саидакмал Аврорович*** *- Заведующий кафедрой маркетинг-агробизнеса, ТГУПБП*

# CONTENT AND STRUCTURE OF PUBLIC GOOD AS AN OBJECT OF THE PUBLIC SECTOR OF THE ECONOMY

***Azimova Mukadaskhon Muhamedovna*** *- Senior Teacher of Marketing - Agrobusiness of Tajik state University of Law, Business and Politics, e-mail: mukaddashon.azimova.69@mail.*
***Mirsaidov Saidakmal Avrorovich*** *- Heard of the Department of Marketing and Agribusiness Tajik State University of Law, Business and Politics*

***Вожаҳои калидӣ:*** *бахши давлатии иқтисод, механизми бозоргонӣ, неъматҳои ҷамъиятӣ, неъматҳои соф, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, равиши ниҳодӣ.*

*Мақола ба масъалаҳои мазмун ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои он дар бахши давлатии иқтисод бахшида шудааст. Муаллифон дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои илмии олимон ба масъалаи зарурати омӯзиши бахши иқтисодӣ, ки дар он неъматҳо - захираҳо, молҳо, хизматрасонӣ на бо воситаи бозор, балки ба воситаи муассисаҳои иқтисодӣ чун Мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тақсим карда мешаванд, диққати махсус зоҳир намудаанд. Дар мақолаи мазкур доираи таҳқиқоти неъматҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуда, барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ, таҳлили муқоисавии неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ иҷро гардидааст. Ҳамзамон, муаллифон равиши методологии масъалаи неъматҳои ҷамъиятиро дар доираи ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мавриди баррасӣ қарор дода, вобастагии истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятро аз низоми сиёсии ҷомеа, кишвар арзёбӣ намудаанд.*

***Ключевые слова:*** *государственный сектор экономики, рыночные механизмы, общественный сектор, чистые блага, социальные нужды, институциональный подход.*

*В статье рассматривается содержание и структура общественного благосостояния и его характеристики в государственном секторе экономики. Обобщая научные идеи ученых, авторы обращают особое внимание на необходимость изучения сектора экономики, в котором товары - ресурсы, услуги распределяются не через рынок, а через экономические институты, такие как государственные органы и органы местного самоуправления. Рассматривается область изучения общественных благ и проводится сравнительный анализ частных и общественных благ для идентификации или включения в содержание общественных благ. В то же время, авторы обсуждают методологический подход к проблеме общественного благосостояния в рамках формальных и неформальных институтов и оценивают зависимость производства общественного благосостояния от политической системы общества, страны.*

***Key words:*** *governmental sector of the economy, market mechanisms, public sector, social need, institutional approach.*

*The article examines the content and structure of social welfare and its characteristics in the public sector of the economy. Summarizing the scientific ideas of scientists, the authors pay special attention to the need to study the sector of the economy in which goods - resources, goods, services are distributed not through the market, but through economic institutions, such as state bodies and local governments. This article examines the field of public goods research and provides a comparative analysis of private and public goods for identification or inclusion in the content of public goods. At the same time, the authors discuss a methodological approach to the problem of social welfare within formal and informal institutions and assess the dependence of the production of social welfare on the political system of society and the country.*

Дар адабиёти иқтисодӣ ба омӯзиши масъалаҳои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва вобаста ба ин, неъматҳои ҷамъиятӣ таърихи дурудароз доранд. Дар доираи ин масъала шарҳу тафсири муносибати ҳамдигарии тафзилҳои инфиродӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ моҳияти баҳснокро дорад. Дар маркази баҳси илми иқтисоди анъанавии давраҳои аввал (масалан, дар асарҳои А. Смит) ғамхорӣ нисбати некӯаҳволии ҷамъият аз муқарраротe, ки зуҳуроти «дасти ноаён» -ро танзим мекунад, сарчашма мегирифт. Маҳз дар заминаи муқаррароти «дасти ноаён» индивидуализми методологӣ ташаккул ёфтааст, ки тибқи он манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ ба манфиатҳои шахсони алоҳида баробар карда шуданд. Принсипи мазкур дар давраи минбаъда аз ҷониби олимони неоклассик инкишоф дода шуда, ин муносибатро ба манфиатҳои гуногун дар се муқаррароти асосӣ муайян мекунад: а) индивидуализм (инфиродият), тасаллути манфиати шахсӣ дар иқтисод, яъне ҳама гуна эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ба хоҳиши ашхоси алоҳида баробар карда мешуданд; б) эгоизм (худпарастӣ), яъне кӯшиши ҳар як инсон барои зиёд гардонидани фоидаи шахсии худ; в) соҳибихтиёрии инсон, яъне озод будани инсон нисбати хоҳишҳои шахсӣ. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки қолаби меъёрии бозор дар заминаи амали ин муқаррарот бунёд шудааст. Ба ибораи дигар, дар бозор рафтори ҳар як иштирокчӣ, ки неъматҳои хусусӣ - мол ва хизматрасониро бо ҳам иваз мекунанд, зуҳуроти мазмуни муқаррароти дар боло зикршударо муайян мекунад.

Аммо, дар ҷомеа неъматҳои ҷамъиятӣ ё молҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро дар доираи муқаррароти индивидуализми методологӣ (ғарази шахсӣ ва соҳибихтиёрӣ) тавсиф кардан мушкил мебошад. Ҳамин тариқ, берун аз ҳудуди бозор иқтисодшиносон ва сиёсатмадорон бо мушкилоти неъматҳо ё молҳои ҷамъиятӣ дучор мешаванд, ки нисбати онҳо на ҳамеша маҳакҳо ва муқаррароти индивидуализми методологӣ қобили истифодаанд.

Вобаста ба ин мо низ кӯшиш ба харҷ додем, ки ба масъалаҳо оид ба мавзӯи мазкур ибрози ақида намоем. Боиси тазаккур аст, ки ҳаллу фасли масъалаи мазкур барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар давраи гузариш аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, чунки иқтисодшиносони ватанӣ пас аз солҳои 90-ум, яъне бо оғози сохтмони як низоми ҷадиди иқтисодӣ - низоми бозоргонӣ ба мушкилоте рӯбарӯ шуданд, ки дар он механизми бозоргонии тақсимоти неъматҳо амал намекунад. Бо ҳамин сабаб масъалаи зарурати омӯзиши бахши иқтисодӣ ба миён омад, ки дар он неъматҳо - захираҳо, молҳо, хизматрасонӣ на бо воситаи бозор, балки ба воситаи чунин муассисаҳои иқтисодӣ чун мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тақсим карда мешаванд. Аз ин бармеояд, ки бахши ҷамъиятии иқтисод (одатан бахши давлатии иқтисодиёт ном бурда мешавад) ин як бахш ё як қисми фазои иқтисодӣ мебошад, ки дар он муносибатҳои бозоргонӣ амал намекунанд ё қисман амал мекунанд (дар он усули бозоргонии ҳамоҳангсозии фаъолият бартарӣ надорад) ва пеш аз ҳама, на неъматҳои хусусӣ, балки неъматҳои ҷамъиятӣ истеҳсол, таъмин ва истеъмол карда мешаванд. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки барои муайян кардани хусусиятҳои хоссаи бахши ҷамъиятии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, мазмуни истилоҳи «неъматҳои ҷамъиятӣ»-ро саҳеҳ кардан зарур аст.

Таърихи афкори иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки назарияи неъмати ҷамъиятӣ аз асарҳои Афлотун ва Арасту сарчашма мегирад. Афлотун дар асари барҷастаи худ «Давлат» зарурати неъматҳои ҷамъиятиро, ки некӯаҳволии инсон ва ҷомеаро таъмин мекунад, таъкид кардааст. Арасту низ дар назарияи оиди давлат пешниҳодкардааш аз рӯи талаботҳои самтгузорӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ шаклҳои «хуб» ва «бад»-и идоракунии давлатро ҷудо кардааст [1]. Ибтидои ташаккули назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ бо номи иқтисодшинос ва файласуфи англис Дэвид Юм алоқаманд аст, ки аввалин маротиба мафҳуми "неъматҳои ҷамъиятӣ"-ро пешниҳод кардааст. Олими мазкур қайд кардааст, ки дар иқтисодиёт чунин неъматҳо ё хизматрасоние мавҷуданд, ки истеҳсоли онҳо фоидаро ба бор намеорад, аммо он метавонад барои ҷомеа дар маҷмӯъ, муфид бошад. Дар солҳои минбаъда Адам Смит гарчанде, ки амалҳои "дасти ноаён"-ро ҳамчун муҳаррики асосии иқтисодиёт ва ҷомеа эътироф мекард, ҳамчунин онро қайд кардааст, ки давлат бояд баъзе неъматҳоро пешниҳод кунад (мудофиа, маърифати сатҳҳои камбизоати аҳолӣ ва ғайра), ки

даромад аз фурӯши онҳо захираҳое, ки дар истеҳсоли онҳо дар бахши хусусӣ сарф шудаанд, пӯшонида наметавонад[2]. Ҷон Стюарт Милл инчунин қайд кардааст, ки дар шароити фаъолияти коллективӣ («табиати баъзе аз неъматҳои муайян назорати ҷамъиятиро тақозо мекунад») эҳтиёҷоти инфиродӣ қонеъ карда мешаванд. Вобаста ба ин ӯ хусусиятҳои неъматҳои ҷамъиятро шарҳ додааст[3].

Бояд қайд кард, ки неъматҳои ҷамъиятӣ моҳияти иқтисодӣ доранд ва ба зумраи неъматҳои иқтисодӣ дохил мешаванд. Вобаста ба ин, нукта мо ба шарҳи мазмуни мафҳуми неъмати иқтисодӣ рӯ меорем. Дар адабиёти иқтисодӣ муаллифони гуногун онро ба таври гуногун муайян месозанд. Ба ақидаи мо, шарҳи неъматҳои ҷамъиятии аз ҷониби яке аз асосгузорони мактаби иқтисодшиносии Австрия К.Менгер пешниҳодшуда нисбатан васеъ мебошад. Иқтисодшиноси мазкур қайд кардааст, ки ҳамаи неъматҳо як асоси ибтидоӣ доранд: “Эҳтиёҷоти инсонӣ - ана аз куҷо занҷири сабабу оқибатҳои иқтисодӣ оғоз меёбанд” [4]. Вобаста ба ин, К. Менгер шартҳоеро муайян намуд, ки дар онҳо маҳсулот хусусияти неъматро пайдо мекунад: а) эҳтиёҷоти инсон; б) хосиятҳо ё манфиати маҳсулоте, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти мазкур таъин шудаанд; в) аз ҷониби шахс дарк намудани манфиат ва зарурати мазкури маҳсулот; г) имконияти ихтиёрдорӣ кардани маҳсулот. Олими иқтисодшиноси машҳур А.Маршалл таҳти мафҳуми неъмат “ҳамаи ашёҳое, ки эҳтиёҷоти инсонро қонеъ мекунанд” эътироф кардааст[5]. Аммо ба андешаи мо, дар таърифе, ки ӯ додааст мафҳуми неъмат танҳо бо ашёҳо, предметҳо маҳдуд шудааст. Ҳангоме, ки неъматҳо чун ашёи куллан фоидаовар эътироф мешаванд, онҳо метавонанд на танҳо маҳсули меҳнату заҳмат, балки офаридаҳои табиат бошанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки хусусияти ягон ашёе, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ карда метавонад, онро ба неъмат мубаддал намекунад. Дарк кардани манфиати ашё аз ҷониби инсон (қобилияти ашё бояд аз ҷониби инсон дарк карда шавад), яъне қобилияти қонеъ кардани эҳтиёҷоти ӯ, ба неъмат мубаддал мегардад. Дар маҷмӯъ, ақидаеро дастгирӣ кардан мумкин аст, ки ҳама гуна маънӣ, ашё, зуҳурот, маҳсули меҳнат, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ мекунанд ва ба манфиатҳо, ҳадафҳо ва кӯшишҳову хоҳишҳои инсон ҷавобгӯ ҳастанд, неъмат номида мешаванд. Аз ин рӯ, неъматҳои иқтисодӣ маҷмӯи ашёҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, хусусиятҳои онҳо мебошанд, ки метавонанд эҳтиёҷоти гуногуни инсонро қонеъ кунанд ва судмандии он аз ҷониби истеъмолкунанда (инсон) дарк карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ вобаста аз талаботҳои заминавии он манфиатҳои иқтисодӣ тасниф ё гурӯҳбандӣ карда шудаанд, аммо доираи таҳқиқоти мо неъматҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ заруранд ва бар замми ин, вазифаҳои муҳими давлатиро иҷро мекунанд. Барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ, мо таҳлили муқоисавии неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро иҷро намудем. Аломати асосии неъмати хусусӣ дар он аст, ки агар онро як шахс мавриди истифода қарор диҳад, онро ҳамзамон шахси дигар истеъмол карда наметавонад. Неъматҳои хусусӣ - ин неъмати истеъмоли инфиродӣ мебошад, ки аз ҷониби соҳибони моликияти хусусӣ ва моликияти умумии саҳҳомӣ истеҳсол карда мешаванд. Ин неъматҳо як қатор хусусиятҳои фарқкунандаи иҷтимоию иқтисодиро доранд, ки дар ҷадвали 1. оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.

Хусусиятҳои фарқкунандаи неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ

| *Неъматҳои хусусӣ* | *Неъматҳои ҷамъиятӣ* |
|---|---|
| Тақсимшаванда, яъне дар шакли воҳидҳои нисбатан хурд мавҷуд аст, ки ба истеъмолкунандагони алоҳида дастрасанд. | Тақсимнашаванда, зеро аз воҳидҳои калон иборатанд ва шахсони алоҳида пешниҳод шуда наметавонанд. |
| Дорои хусусияти “истисно шудан” мебошад, яъне аз истеъмол истеъмолкунандае, ки барои неъмат бо нархи бозор маблағ пардохт карда наметавонад (соҳиби неъмат он истеъмолкунанда мегардад, ки қобилияти пардохтани онро дорад) | Нисбати онҳо (неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ) принсипи “истисно шудан” амал намекунад, ба онҳо истеъмоли муштарак хос аст. |
| Неъматҳои хусусӣ дар бахши хусусӣ истеҳсол мешаванд | Неъматҳои софи ҷамъиятӣ (ашёҳо ва хизматрасонӣ) дар бахши давлатӣ истеҳсол мешаванд |

*Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Неъматҳои ҷамъиятӣ ба неъматҳои соф ва омехта тасниф мешаванд. Неъматҳои софи ҷамъиятӣ ҳамчун ашёи судманд аз рӯи моҳият мол маҳсуб намешаванд, зеро онҳо, пеш аз ҳама, на барои фурӯш дар бозор истеҳсол шудаанд. Неъматҳои софи ҷамъиятӣ (ашё ва хизматрасонӣ), масалан, амнияти ҷамъиятӣ, мудофиаи миллӣ, шоҳроҳҳо ва ғайра дар бахши давлатӣ истеҳсол мешаванд. Дар

мавриди неъматҳову хизматрасонии омехта, нисбати онҳо «принсипи истисно шудан» ва принсипҳои бозор татбиқ карда мешаванд. Аммо дар ин ҷо, "принсипи истисно шудан" ба андозаи миёна ифода меёбад ва "таъсири беруна" аз истеъмоли онҳо моҳияти ҷиддӣ ё васеътар дорад: масалан, роҳҳои мошингард, соҳаи фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва ғайра. Нисбати ин неъматҳо ва хизматрасонӣ метавонанд нархҳо муқаррар карда шаванд ва субъектҳои бахши хусусӣ ва соҳибкорон метавонанд неъматҳо ё хизматрасонии мазкурро ба истеъмолкунандагон ба ивази пардохти маблағ пешниҳод кунанд. Аммо вобаста ба он ки онҳо (соҳибкорон) ҳаҷми пурраи истеҳсоли чунин неъматҳоро пурра ба зиммаи худ намегиранд, ин вазифаро пурра ё қисман бо мақсади пешгирии норасоии ашё ва хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ судманд давлат иҷро мекунад. Маҳз муносибатҳои зикршуда заминаи бахши соҳибкории давлатию хусусиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, берун аз ҳудуди муносибатҳои софи бозоргонӣ як қатор неъматҳо ва маҳсулҳое мавҷуданд, ки ба истеъмолкунандагон «бепул, ройгон» пешниҳод мешаванд. Аммо, мафҳуми "бепул" маънои қатъ гардидани амали фишангҳои бозории неъматҳо ё захираҳои мазкурро дар иқтисод дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб таҳлили иқтисодии ин маҷмӯи маҳсулот ва хизматрасонӣ (неъматҳои ҷамъиятӣ), ки "бепул" пешниҳод мешаванд, душвор аст. Аз ин рӯ дар адабиёти иқтисодӣ як қатор консепсияҳои ба ҳам мухолиф ва равишҳои гуногуни методологии арзёбии неъматҳои ҷамъиятӣ вуҷуд доранд. Дар зер мо консепсияҳои муосири неъматҳои ҷамъиятиро баррасӣ хоҳем кард, ки мухталиф будани шарҳу эзоҳи мафҳуми мазкурро нишон медиҳанд.

Аксарияти олимони иқтисодшинос қайд мекунанд, ки консепсияи ҷадиди неъматҳои иҷтимоӣ соли 1954 аз ҷониби профессори америкоӣ П.Самуэлсон пешниҳод шудааст. Консепсияи мазкурро профессори дигари америкоӣ Р.Масгрейф инкишоф додааст ва консепсияи неъмати аз ҷиҳати иҷтимоӣ судмандро («неъмати шоиста»)-ро ташаккул дод[6]. П.Самуэлсон менависад, ки «Неъматҳои иҷтимоӣ гуфта неъматҳоеро меноманд, ки судмандии истифодаи онҳо барои тамоми ҷомеа тақсим карда мешавад, новобаста аз он, ки баъзе намояндагони ҷомеа ин неъматро харидан мехоҳанд ё не. Истеъмоли чунин неъмат аз ҷониби ҳар як фард истифодаи онро аз ҷониби фарди дигар коҳиш намедиҳад"[7]. Х. Ламперт таъкид мекунад, ки "неъматҳои ҷамъиятӣ - .... ашёе мебошад, ки боигарии ҷомеа буда, бо ду аломати зерин тавсиф карда мешаванд: (1) онҳо метавонанд аз ҷониби зиёда аз як шахс ё як гурӯҳи хурд бидуни зарар ба истифодабарандагон истифода шаванд (дар чунин ҳолат сухан дар бораи "мавҷуд набудани рақобат дар истеъмол" меравад); (2) ба ҳеҷ кас истифодаи он дар асоси талабот оид ба пардохти нархи муайян рад карда намешавад, зеро фоидаи ашё наметавонад маҳдуд карда шавад (дар ин ҳолатҳо оиди беэътибор будани принсипи истисно сухан меравад)" [8]. Аз нуқтаи назари В. Николсон бошад, "неъмат он гоҳ ҷамъиятӣ аст, агар он истеҳсол шуда бошад, ҳеҷ кас наметавонад аз дастрасӣ ба он истисно карда шавад. Маъмулан, неъматҳои ҷамъиятӣ дар истеъмол берақобатанд, аммо на қатъиян" [9]. Дар таърифҳои зикршуда назарҳои мухолиф мавҷуданд: аломати муайянкунандаи неъмати ҷамъиятӣ ё истисно нашудан аз истеъмол тибқи ақидаи Николсон ё рақобатнопазирӣ дар истеъмол ба ақидаи П.Самуэлсон мебошад. Ҷ. Э. Стиглитс қайд менамояд, ки "ба неъматҳои ҷамъиятӣ бояд ҳарду ин хусусият хос бошанд, аммо то ин ё он дараҷа, ки тақсими ин неъматҳоро ба "соф" ва "ғайрисоф"муайян мекунанд[10]. Ҳамин тариқ, дар Х. Ламперт ва Ҷ.Э.Стиглитс мавқеи мобайнӣ мушоҳида мешавад. Меъёрҳои алтернативӣ, ба монанди рақобатпазирӣ ва рақобатнопазирӣ, истисно ва бидуни истисно будан дар асоси фарқияти неъматҳои хусусӣ ва софи ҷамъиятӣ қарор мегирад. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ таърифи ягонаи неъматҳои ҷамъиятӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи муаллифон эътироф мекунанд, ки неъматҳои ҷамъиятӣ ду аломати хос доранд: а) рақобатнопазирӣ дар истеъмол; б) бидуни истисно будан. Вале афкори онҳо нисбати масъалаи зерин баҳсноку мухталиф аст: маҳз кадоме аз ду аломати дар боло зикршуда ҳамчун аломати неъмати ҷамъиятӣ муайянкунанда мебошад ва то кадом андоза аломати дуюм ба неъмати ҷамъиятӣ бояд хос бошад.

Вобаста аз меъёри истифодашаванда арзёбии неъмати ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, агар неъмат аломатҳои омехта дошта бошад, онро метавон ҳам ба неъмати хусусӣ ва ҳам ба неъмати ҷамъиятӣ дохил кард. Масалан, телевизиони ноқилии ноҳиявӣ дар истеъмол рақобат надорад, зеро истифодаи он аз ҷониби ягон истеъмолкунанда (муштарӣ) миқдор ва сифати хизматрасонии дигари истеъмолкунандагонро коҳиш намедиҳад. Аммо дар сурати пардохт накардани хизматрасонӣ он метавонад аз истеъмол хориҷ карда шавад. Масалан, агар хизматрасонии мазкурро аз рӯи меъёрҳои В.Николсон баҳогузорӣ намоем, он ба гурӯҳи неъмати хусусӣ ва тибқи таърифи Ҷ.Стиглитс ба гурӯҳи неъматҳои давлатӣ дохил мешавад (мутаносибан «истисно шудан» ва «ғайрисоф»). Ҳангоми ҷамъбасти ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда, ба андешаи мо ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки аломатҳои дар боло зикршуда барои муайян кардани неъматҳои ҷамъиятии бунёдӣ номидан дуруст нест. Равиши неоинститутсионалӣ нисбати арзёбӣ ва шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ, ба назари мо, бештар моҳияти амалӣ дорад. Намояндагони мактаби иқтисодии неоинститутсионалӣ муносибатҳои иқтисодиро ҳамчун падидае муайян мекунад, ки аз амалҳои ҳам ниҳодҳои расмӣ (санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраркардаи давлат ва ғайра) ва ғайрирасмӣ (расму оинҳо, анъанаҳо, арзишҳои динӣ, ахлоқӣ ва

миллӣ) бармеоянд. Ниҳод ҳамчун “маҷмӯи ҳудудҳои расмии дар қонун муқарраршуда ва ғайрирасмии дар қонунҳои муқаррарӣ муайяншуда, ки ҳамкории фардҳоро дар муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд”[11]. Аз ин рӯ, мо масъалаи неъматҳои ҷамъиятиро дар доираи ниҳодҳои расмӣ (дар Конститутсия, қонунгузории дар шакли хаттӣ дарҷшуда) ва ниҳодҳои ғайрирасмӣ (дар қонуни анъанавӣ - анъанаҳо, урфу одатҳо ва ғайра дарҷшударо) баррасӣ менамоем[12]. Аҳамияти равиши мазкур чунин намуд дорад: якум, ин равиш ба субъектҳои хоҷагидор маҷмӯи махсуси нақшҳо ва муносибатҳои иҷтимоиро медиҳад, ки аз муҳити институтсионалӣ бармеоянд. Дуюм, масъалаи марказии ҳалталаб дар доираи иқтисодиёт дар маҷмӯъ, ташкил ва назорат мебошад ва на танҳо бо масъалаҳои тақсимоти захираҳо, тақсими даромадҳо ва раванди муайян кардани сатҳи умумии даромад, истеҳсол, шуғл ва нархҳо дар дохили низоми муайян маҳдуд мешавад. Ба ибораи дигар, равиши неоинститутсионалӣ на танҳо бо доираи бозор маҳдуд мешавад. Ба ақидаи ҷонибдорони равиши мазкур, механизми муосири тақсими захираҳо танҳо бо механизми бозор мувофиқат намекунад. Онҳо инчунин бо сохтори институтсионалии иқтисодиёт, ки бозори воқеиро ташкил медиҳад ва тавассути он амал мекунанд, алоқаи зич дорад. Ин равиш ба омӯзиши нуктаҳои зерин диққат медиҳад:

- равандҳо ва қувваҳое, ки таҳаввули ташкилотро идора мекунанд;
- назорат дар иқтисодиёт;
- ташкили ниҳодии бозор.

Вобаста ба ин, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ аз низоми сиёсии ҷомеа, кишвар алоқаманд мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ дар бештари мавридҳо қайд карда мешавад, ки давлат ҳамчун мақомоти дастаҷамъӣ (ҷамъиятӣ) ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии неъматҳои ҷамъиятӣ (коллективӣ) баромад мекунад. Аммо ба андешаи мо, ин ҷо ҳудуди муҳимро байни истеҳсоли давлатӣ ва таъминоти давлатӣ бояд муқаррар намуд. Мафҳумҳои зикршударо дар аксари мавриид иваз мекунанд, ҳарчанде ки онҳо аз нуқтаи назари мантиқӣ ва татбиқӣ байни ҳам фарқ мекунанд. Дар ин робита, Ҷ.Стиглитс[13] ин ду равандро дар такя ба мисолҳои зерин таҳқиқ кардааст: давлат мудофиаи миллиро таъмин мекунад, аммо аксарияти молҳое, ки он барои мақсади мазкур харидорӣ мекунад, дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳукумат нисбати хизматрасонии почта монополия дорад, аммо он барои истифодаи почта маблағ пардохт меситонад, ки аз фаъолияти корхонаи хусусӣ фарқияти кам дорад. Аз ин рӯ, ба давлат табиати духӯра хос аст: аз як тараф, давлат неъматҳоро ба сифати монополист истеҳсол карда, онро шабеҳ бо ширкатҳои хусусӣ мефурӯшад ва аз тарафи дигар, ҳамчун мақомоти дастаҷамъӣ ба ҷомеа неъматҳоеро фароҳам меорад, ки рақобатнопазир ва (ё) беистисно мебошанд. Вобаста ба ин, дар фаъолияти давлат принсипи софи бозоргонӣ ва ғайрибозорӣ мавҷуд нест, яъне ба он шакли омехтаи фаъолият хос аст. Аммо пешниҳоди неъматҳои давлатӣ масъалаи асосӣ ё вазифаи давлат аст. Бинобар ин давлат бояд эҳтиёҷот ва хоҳишҳои ҳама аъзоёни ҷомеаро ба назари эътибор гирад ва мақомоти маҳаллии ҳокимият ин эҳтиёҷотро дар минтақаҳо ба назар гиранд, инчунин аз он тақозо мешавад, ки тақсимот ба эҳтиёҷоти мазкури иҷтимоӣ чӣ қадар мувофиқат кунад, муайян кунад. Дар робита ба ин, Я. Корнай қайд мекунад, ки «вобаста аз он, ки кӣ тасмимро оид ба ҷудо кардан (тақсим кардан) қабул мекунад, мо ду шакли асосии онро тасниф мекунем. Яке аз онҳо тақсимоти аз ҷониби истеҳсолкунанда амалишаванда мебошад - истеҳсолкунандаи маҳсулот ё хизматрасонӣ мустақилона оиди тақсими маҳсулоти худро дар байни истифодабарандагони эҳтимолӣ тасмим мегирад, аммо инро мутобиқи нархҳои пешниҳодшудаи талабот иҷро намекунад. Шакли дуюм - тақсимоти маъмурӣ мебошад. Масалан, вазорат муайян менамояд, ки корхонаи истеҳсолкунанда маҳсулоти худро ба кадом хоҷагии хонаводагӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, дар ин ҷо истеҳсолкунанда ва тақсимкунанда ҳам дар доираи ташкилӣ ва ҳам дар сабабҳои рафтор ба ҳам мувофиқат надоранд”[14]. Дар чунин шароит, дар ҷараёни тақсими неъматҳо якчанд аломатҳои муайянкунанда истифода карда мешаванд ва дар байни онҳо набояд нархи талабот мавҷуд бошад, тақсимот бояд бо аломатҳои ғайринархӣ амалӣ шавад, яъне ҳангоми тақсимоти неъматҳои давлатӣ афзалият ба аломатҳои ғайринархӣ дода мешавад. Тибқи андешаи Я.Корнай, аломатҳои дар амал бештар истифодашавандаи зеринро номбар кардан мумкин аст: а) дараҷаи эҳтиёҷ; б) шоиста будан; в) мақоми иҷтимоӣ; г) пайдоиш; д) афкори сиёсӣ; д) коррупсия ва ғайра. Аммо ин аломатҳо баҳснок ба назар мерасанд (ҳангоми тақсимоти неъматҳои истеъмолӣ ба назар гирифтани пайдоиш, шоиста будан, мавқеи иҷтимоӣ ва ғайра баҳсноканд), аммо амалия шаҳодат медиҳад, ки ягон ҷомеае вуҷуд надорад, ки дар он ҳангоми тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ аломатҳои зикршуда ягон нақш надошта бошанд. Бинобар ин, омӯзиши тафовути дараҷаи аҳамияти аломатҳои мазкур муҳим арзёбӣ мешавад. Бояд муайян карда шавад:

- интихоб аз рӯи ин аломатҳо то кадом андоза шаффоф ва ошкоро аст;
- маҳз кӣ тақсимотро амалӣ менамояд, зеро таъсири омили субъективӣ возеҳ аст;
- мундариҷаи мушаххаси аломатҳои инфиродӣ ва ғ. дар чист.

Барои тасдиқ намудани тахминҳои мазкур як мисоли оддӣ - дохил шуданро ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ менамоем. Тавре ки маълум аст, қабули довталабон набояд аз маблағи

пешниҳодкардаи ӯ барои таҳсил, яъне аз нархи талабот, балки бояд аз холҳои гирифтаи довталаб ва озмун ҳангоми имтиҳонҳои дохилшавӣ вобаста бошад. Аммо дар ин мисол омили мавқеи ичтимоии оила, робитаҳо, ришва ва ғайра ҷой дорад. Аз ин рӯ, мундариҷаи мушаххаси аломатҳое, ки ҳангоми тақсимот истифода мешаванд, аз хусусиятҳои низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ё низоми ҷамъиятӣ-иқтисодӣ вобаста аст. Маҳз "бо ҳамин сабаб баҳодиҳии "аз сиёсат озод"-и тақсимот танҳо аз мавқеи иқтисодӣ ё технократӣ ғайриимкон аст"[15].

Акнун ба таҳлили аломати аввал - дараҷаи эҳтиёҷ таваҷҷӯҳ меандозем. Мушоҳидаҳо далолат мекунанд, ки вобаста ба дараҷаи эҳтиёҷот давлат нақшаи тақсимотро асосан дар соҳаи тандурустӣ, манзил, инчунин дар соҳаи тақсимоти озуқаворӣ ҷорӣ мекунад (вақте ки кишвар дар зинаи нисбатан пасти рушди иқтисодӣ қарор дорад). Масалан, дар шароите, ки имконияти беморхона дар минтақа маҳдуд аст, савол ба вуҷуд меояд: аз нуқтаи назари тиббӣ, пеш аз ҳама кӣ бояд ба беморхона бистарӣ шавад - шахсоне, ки ба табобати беморхона ниёз доранд (ҳатто агар онҳо хароҷотро пардохт карда натавонанд ҳам) ва ё онҳое, ки қобилияти пардохт кардани маблағи хизматрасониҳои тиббиро доранд. Дар ин маврид аломати эҳтиёҷ ҳамчун аломати интихоб ба мавқеи пеш мебарояд. Зарурати қонеъ кардани ниёзҳои асосии муқаррарии ҳама аъзоёни ҷомеа, таъмини онҳо бо ҳадди ақали озуқаворӣ, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва маориф татбиқи принсипи тақсимот "ба ҳар кас мувофиқи эҳтиёҷоти ӯ"-ро тақозо мекунад. Дар ин гуна ҳолат, неъматҳои софи ҷамъиятии аз ҷониби давлат пешниҳодшуда дар асоси аломатҳои ғайринархӣ тақсим карда мешаванд ё истеъмоли онҳо аз истеъмолкунанда хароҷоти бевоситаи шахсиро талаб наменамояд. Ба таври умумӣ, дар аксарияти мавридҳо ғайриимкон будани истеҳсоли онҳо дар бахши хусусии иқтисодиёт ҳамчун аломати муайянкунандаи неъматҳои софи ҷамъиятӣ баромад мекунад. Субъектҳои бахши хусусӣ барои таъмини онҳо имкон надоранд, зеро хароҷоти онҳо барои истеҳсоли неъматҳои мазкур бо фоида пӯшонида намешаванд. Ғайр аз он, агар истеъмолкунандагон имконияти пардохти ин гуна хизматрасониҳоро дошта бошанд, аммо доираи ин истеъмолкунандагон хеле маҳдуд аст. Бинобар ин, дар аксар мавридҳо, неъматҳои софи ҷамъиятӣ объекти мубодила ё ашёи хариду фурӯш буда наметавонанд. Аммо ҳамзамон дар низоми иқтисодӣ транзаксияҳои тиҷоратӣ ё аҳдҳо оиди неъматҳои ҷамъиятӣ ва, мутаносибан гирифтани фоида вуҷуд доранд. Аммо дар ин маврид фоида ҳамчун сабаби асосии водоркунандаи фаъолияти сохторҳои давлатӣ баррасӣ карда намешавад ва фоидаи бадастомада танҳо барои рушди ин ташкилотҳо истифода мешавад. Аз ин рӯ, аксарияти корхонаҳои бахши давлатиро ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ меноманд.

Тавре, ки дар боло зикр гардид, дар бахши ҷамъиятии иқтисод фаъолияти давлат мавқеи аввалиндараҷа дорад, аз ин рӯ, ин бахшро аксар вақт давлатӣ меноманд. Аммо ин шабоҳат "тахминӣ" аст, зеро рафтори иқтисодии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бахши давлатӣ чунин аст:

Аз як тараф, онҳо ҳамчун сохтори худидоракунанда, аксар вақт таҳти назорати давлатӣ қарор надоранд ва аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда намешаванд. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо аз рӯи нишонаҳо ба корхонаҳои бахши хусусӣ шабоҳат дорад, ки онҳо тибқи принсипҳои тиҷоратӣ, тартиби худтанзимкунӣ ва худидоракунӣ фаъолият менамоянд. Аз тарафи дигар, муассисаҳои давлатӣ ба монанди ташкилотҳои ҷамъиятӣ, қабл аз ҳама, ба қонеъ сохтани талаботҳои ҷамъиятӣ самтгузорӣ шудаанд. Самти мазкур фаъолияти онҳоро ба ҳамдигар монанд мекунад. Ғайр аз ин, бахши ҷамъиятии иқтисодиёт назар ба бахши давлатӣ мафҳуми васеътар мебошад. Бахши ҷамъиятӣ иборат аст аз:

- бахши давлатӣ;
- бахши ғайритиҷоратии иқтисодиёт;
- бахши тиҷоратии иқтисодиёт, ки неъматҳои корпоративиро ба вуҷуд меорад: неъмати умумӣ барои корпоратсия хусусияти дуҷонибаи ҳуқуқӣ дорад, зеро манфиати хусусӣ, ки аз рӯи моҳияти худ хусусӣ аст, якҷоя бо ин манфиати ҷамъиятиро низ дорад.
- ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбати истифодаи Конститутсия дар ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон.

Таъсири беруна яке аз муҳимтарин хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад. Таъсири беруна на танҳо ба фазои фаъолият, ки бо неъмати ҷамъиятӣ фаро гирифта шудааст, таъсир мерасонад, балки инчунин ба он ашхос, гурӯҳи одамоне, ки берун аз ин низом қарор доранд ва ё аз ин фаъолият дур ҳастанд, таъсир мерасонад. Маҳз дар шароити мазкур "мушкилоти муштарии бечипта" ба вуҷуд меояд: масъалаи хориҷ кардани шахсони бегонае, ки аз таъсири берунаи неъмати ҷамъиятӣ баҳра мебаранд, вале бе пардохт кардани он. Ҳаллу фасли зуҳуроти "мушкилоти мусофири бечипта" кори душвор аст. Дар адабиёти иқтисодӣ роҳҳо ва усулҳои гуногуни дохилкунонии таъсироти беруна пешниҳод карда мешаванд. Онҳо аз амали андозаҳои зерин вобастаанд:

- миқёс ва шиддатнокии таъсири беруна;
- хусусияти таъсири беруна (мусбӣ ё манфӣ);

- дараҷаи тақсимшавии ин ё он неъматҳои ҷамъиятӣ;
- имкони ченкунии миқдории таъсири беруна ва ғайра.

Ҳангоме ки ҳаҷми таъсири беруна вобаста аз доираи маҳдуди субъектҳои фарогирифтааш ночиз аст, пас онро (таъсири берунаро) таҳти назорати ташкилоти ҷамъиятӣ ва агентҳои мустақими муомилоти хоҷагидорӣ, ки бо неъматҳои ҷамъиятӣ сарукор доранд, ба назорат гирифтан мумкин аст. Дар ин маврид ҳатто иштироки давлат низ чандон ҳатмӣ нест. Вақте, ки сарбории аз меъёр зиёди пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ мушоҳида мешавад, он гоҳ таъсири берунаи он метавонад таҳти назорати соҳибони ин неъматҳо маҳдуд карда шавад. Дар ин маврид, он тавассути боҷҳои гуногун (роҳӣ, нақбӣ ва ғайра) ва пардохтҳои комиссионӣ, ки вазифаи нархро иҷро мекунанд, ворид карда мешавад. Дар ин ҷо боҷҳо ва пардохтҳои мазкур аз онҳое, ки хизматрасонии мутобиқро истифода мебаранд, ситонида мешаванд. Аммо онҳо дар истифодаи чунин хизматрасонӣ имкони интихоб доранд, яъне хусусияти ихтиёрӣ будани интихоб мавҷуд аст: аммо дар лаҳзае, ки шахс хизматрасониро истифода мебарад, ӯ бояд маблағи онро пардохт кунад.

Субъектҳои бахши ҷамъиятии иқтисодиёт, инчунин неъматҳои маҳдудро таъмин мекунанд. Аммо онҳо дар сохтори сектори ҷамъиятии иқтисодиёт аз ҷиҳати ташкилаҳои ниҳодӣ камшуморанд. Онҳо маблағҳои иштирокчиёни худ ё аъзоёни худро ба тариқи ихтиёрӣ ҷамъоварӣ мекунанд. Аммо, дар ин ҷо, онҳо метавонанд бе душворӣ саҳми ҳар як иштирокчиро дар ташкили истифодаи муштараки неъматҳои дахлдори ҷамъиятӣ ба ҳисоб гиранд.

Чӣ тавре, ки дар боло ки зикр гардид, таъсири берунаи неъматҳои омехтаи ҷамъимятӣ самти мусбат ё манфӣ дорад. Онҳо ба доираи амали бозор дохил мешаванд ва объекти муомилоти бозаргонӣ мебошанд: онҳо аз рӯи моҳият неъматҳои музднок мебошанд. Аммо, дар тафовут аз неъматҳои оддии хусусӣ дар ин ҷо таъсири манфии бозор (дар истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ) аз ҷониби давлат таҳрир карда мешавад. Масалан, бо истифодаи воситаҳои андозӣ таҳрир ворид карда мешавад: андозҳои махсус истифода мешаванд (масалан, аксизҳо) ва дар сурати натиҷаҳои мусбат механизми додани субсидия истифода мешавад.

Пешгирии истифодабарии ройгони неъматҳои ҷамъиятии миллӣ ё маҳаллӣ, инчунин тавассути маҷбурсозии давлатӣ тавассути ҷамъоварии андозҳо ба манфиати ҳамаи аъзоёни ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ, равиши иҷтимоӣ-ҳатмӣ баҳри ташаккули воситаҳои истеҳсоли неъматҳои софи ҷамъиятӣ тавассути андозбандии ҳатмӣ, мувофиқати шаклҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ташкил намудани таъмин ва истифодаи неъматҳои мазкур аломати муҳим ва хусусияти неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, амалия нишон медиҳад, ки неъматҳои ҷамъиятӣ дар шакли соф кам ба мушоҳида мерасанд. Аксари онҳо неъматҳои омехта мебошанд, ки на ба гурӯҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва на ба неъматҳои соф пурра дохил мешаванд. Нисбати нехъматҳои омехта истисноҳои маҳдуд ва рақобат имконпазир аст. Зеро неъматҳои мазкур аз ҷониби ташкилотҳои хусусӣ ҳам пешниҳод шуда метавонанд. Аммо, ҳаҷми он бо сабаби дастнорас будани онҳо ба ашхоси дорои даромади кам метавонад нокифоя бошад, бинобар ин набудани ин неъматҳо аз ҷониби давлат ҷуброн карда мешавад. Масалан, манфиат аз истифодаи хадамоти маориф ба таври ҷиддӣ хусусияти инфиродӣ ва тақсимшаванда дорад.

Усули тақсимот, таъминот ва аз ҷониби давлат пешниҳод шудани неъматҳои ҷамъиятӣ шакли омехта дорад: меъёрҳои интихоби ғайринархӣ ва интихоби нархӣ истифода мешаванд. Дар шароити мазкур таъминот ба як субъект нисбат ба субъекти дигар бартарият медиҳад ва аз ин рӯ, аз нав тақсим кардани даромад ва неъматҳоро байни фардҳо ифода мекунад. Ин ҷо мушоҳида кардан мумкин аст, ки тақсимот ва аз нав тақсим кардан бо ҳам рақобат менамоянд: ҳар қадаре ки таъсири нархи неъмат ба рафтори харидорон ва фурӯшандагон кам бошад, ҳамон қадар тақсимоти бозор бо тақсимоти ғайрибозорӣ иловатан пурра карда мешавад ё иваз карда мешавад.

Муқаррароти мазкур (вобаста ба пешниҳод ва тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ) боиси пайдо шудани масъалаи ҷустуҷӯи усули муайянкунии сохтор ва миқдори самарабахши ин неъматҳо мегардад. Ин ҳам аз шароити захираҳои маҳдуд дар ҳар лаҳза ва ҳам аз рақобати мақсадҳои субъектҳои хоҷагидорӣ бармеояд. Ҷустуҷӯи усули зикршуда бо ду ҳолат мураккаб мегардад:

а) мавҷуд будани фарқиятҳо дар баҳогузории аъзоёни ҷомеа, шахсони алоҳида оид ба судмандии неъматҳои ҷамъиятӣ;

б) шакли ғайримолии онҳо, мутаносибан, онҳо нарх надоранд ва муносибатҳои вобаста ба истеъмоли онҳо дар хароҷоти шахс мустақиман ифода карда намешаванд. Аммо ифодаи ин масъала шубҳаовар аст: аз як тараф, меъёри нархҳои бозоргонӣ имкон намедиҳад, ки миқдори муносиби неъматҳои ҷамъиятӣ муайян карда шавад ва аз ҷониби дигар, пешниҳоди неъматҳои мазкурро аз ҷониби давлат муносиб гардонидан ғайриимкон аст, зеро маҳдудияти мазкур (муносибгардонидашуда)-и миқдорӣ ба маҳдудкунии нархӣ баробар аст, бинобар ин имконияти муносибгардонии миқдории онҳоро тавассути низоми нархҳо имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди бозори неъматҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ рисолати зеринро дорад: **якум**, фароҳам овардани шароит барои аҳолӣ ва аъзоёни ҷомеа, ки дар доираи шароитҳои мазкур онҳо метавонанд бо даромади худ озодона талаботро ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (дар бозор) ташаккул ва инкишоф диҳанд, бо ин на танҳо рафтори мусбии устувор ва хоҳиши амалӣ кардани тартиботи баландтарини эҳтиёҷот (тибқи зинанизоми Маслоу)-ро таъмин мекунанд, балки афзоиши некӯаҳволии оилаҳои худро таъмин карда метавонанд; **дуюм**, ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун қисми сиёсати иҷтимоии давлат татбиқ карда мешавад. Равиши мазкур, яъне принсипи бозоргонӣ ва ғайрибозоргонии ташкили истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ ба сиёсати иҷтимоӣ хусусияти пешраванда (превентивӣ)-ро ато мекунад.

ПАЙНАВИШТ

1. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов: Учебник для вузов. М.: Аспект Пресс, 1996. 319 с. С.17.
2. Смит А., Риккардо Д., Кейнс Дж., Фридмен М. Классика экономической мысли: Сочинения. М.: Изд-во ЭКСМО-Пресс, 2000. 896 с. С. 157.
3. Вехи экономической мысли. Экономика благосостояния и общественный выбор. Том 4. Под общ. ред. А.П.Заостровцева. СПб: Экономическая школа. 2004. 568 с. С. 47.
4. Такаши Негиши История экономической теории – М.: «АО АСПЕКТ ПРЕСС», 1995, 330с.
5. Маршал Принцип экономической науки, Т.2, 134с.
6. Молчанов И.Н.Экономика общественного сектора/ hhttpttp://// ssooccssffeerraa.. nnaarroodd..rruu// С. 6.
7. Пол А. Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус. Экономика: пер с англ. - М.: «Издательство БИНОМ», 1997. – 338с.
8. Ламперт Х. Социальная рыночная экономика. Германский путь. - М.: «Дело ЛТД2, 1994. – 38с.
9. Николсон В. Микроэкономическая теория. М.: Международные отношения, 1995. – 272с.
10. Стиглиц Дж.Э. Экономика государственного сектора. М.: Издательство МГУ, 1997. —119-123с.
11. Олейник А.Н. Институциональная экономика: Учебное пособие. - М.: ИНФРА-М, 2000. – 188с.
12. Норт, Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. / Д. Норт. Пер. с англ. А. Н. Нестеренко. − М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997. − 190 с.
13. Стиглиц Дж.Э. Экономика государственного сектора. М.: Издатальство МГУ, 1997. – 154с.
14. Корнай Я. Дефицит. Пер с венгерского Березиной С., Булаха С. М: Наука, 1990. – 442с.

REFERENCES

1. Yakobson L.I. Public Sector Economics: Fundamentals of the Theory of Public Finance: Textbook for universities. Moscow: Aspect Press, 1996.319 p. P.17.
2. Smith A., Riccardo D., Keynes J., Friedman M. Classics of economic thought: Works. Moscow: EKSMO-Press Publishing House, 2000.896 p. P. 157.
3. Milestones of economic thought. Welfare Economics and Public Choice. Volume 4. Under total. ed.A.P. Zaostrovtseva. SPb: School of Economics. 2004.568 p. P. 47.
4. Takashi Negishi History of economic theory - M.: "AO ASPECT PRESS", 1995, 330p.
5. Marshal Principle of Economic Science, Vol.2, 134 p.
6. Molchanov IN The economy of the public sector / hhttpttp: //// ssooccssffeerraa nnaarroodd.rruu // P. 6.
7. Paul A. Samuelson, William D. Nordhaus. Economics: translation from English. - M.: "Publishing house BINOM", 1997. - 338 p.
8. Lampert X. Social market economy. German way. - M.: "Delo LTD2, 1994. - P. 38.
9. Nicholson V. Microeconomic theory. M.: International relations, 1995. - 272 p.
10. Stiglitz J.E. Public Sector Economy.M.:Publishing house of Moscow State University, 1997.-P.119-123.
11. Oleinik A.N. Institutional Economics: Textbook. - M.: INFRA-M, 2000 .- 188p.
12. North, D. Institutions, Institutional Change and Economic Performance. \D. North. Per. From English A.N. Nesterenko. –M. Fund of the economic book «Beginnings», 1997. -190p.
13. Stiglitz J.E. Public Sector Economy. M.:Publishing house of Moscow State University,1997.-P.154.
14. Kornai J. Deficit. Per from Hungarian S. Berezina, S. Bulakha. M: Nauka, 1990. – 442p.